**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА- 071 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводди дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

**Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тамоми тадбирҳои лозимаро ба кор мегирад, ки низоми маорифи кишвар рушд карда, мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар омода намояд. Аз ин рӯ, тамоми захоири Ҳукумат ва Давлат ва минҷумла соҳибкорон низ барои ҳаллу фасли масоили соҳаи маориф басиҷ шудааст. Ҳамасола дар мамлакат даҳо барномаҳои наву тоза рӯйи кор меоянд, ки онҳо ҳамагӣ ба ислоҳот дар соҳаи маориф равона карда шудаанд. Барои рушду тараққии ҳар як низом таҳдоби қонунӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, билофосила пас аз хомӯш гардидани оташи ҷанги дохилӣ дастандаркорон ба таҳияи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳа камари ҳиммат бастанд.

Яке аз чунин санадҳои муҳим ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мебошад, ки тайи ин солҳо якчанд маротиба ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, то он посухгӯи тақозои давру замон бошад. Як нуктаи бисёр муҳим дар ҷараёни рушди ҷомеа иборат аз он аст, ки акнун тамоми ниҳодҳои зинафъ ва зирабт дар масири инсонмеҳварӣ ҳаракат карда истодаанд, ин бадон маъно аст, ки акнун инсон ва ниёзҳои ӯ дар маърази тамоми сиёсатҳо ва иқдомҳои дастандаркорон қарор дорад.

Инсони замони муосир аз ҳар назар озод буда, қодир ба татбиқи тамоми хостаҳои хеш буда, аз худ эҷодкорӣ ва навоварӣ нишон медиҳад. Ӯ дар масири эҷодкорӣ ҳаракат мекунад ва мо имрӯзҳо натоиҷи кори ӯро бармало эҳсос карда истдаем. Имрӯзҳо дари тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар ба рӯйи довталабон боз аст. Имрӯзҳо ҳамватанони моро дар тамоми гӯшаю канори дунё дидан мумкин аст, ки ба кору фаъолият ва таҳсилу тадрис машғул мебошанд ва ҳеҷ монеае дар ин масир вуҷуд надорад.

**Асоси методологӣ ва методикаи таҳқиқоти** Назарзода Абдузоир Жуманазарро методи диалектикии маърифат, принсипҳои илмии омӯзиш ва дасрасии он, пайдарпай, мураттаб, инноватсионӣ, робитаи таълим бо амалия, консепсияи миллии тарбия, консепсияи таълими рушдиҳанда, назарияи фаъолияти таълимӣ ва амалиётҳои фикрӣ, асосҳои психологӣ-педагогӣ, технологияҳои таълимӣ ташкил доданд.

**Боби якуми дисертатсия** «Технологияи педагогии муосир ҳамчун

воситаи баланд бардоштани самаранокии таълими дарси химия» ном дорад. Ба нақшаи мутобиқшавии хонандагон ба раванди таълим, дар ҳаёти муосир ва ҳалли проблемаҳои дидактикию методологии таълим мусоидат мекунад.

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир талабот ба сифати таълими хонандагон, сатҳи дониш ва маҳорати онҳо то рафт баланд мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи консепсияи азнавсозии таълим, даъват менамояд, ки сифат ва муваффақиятнокии таълими фанҳои табииро баланд бардошта, нақши онҳоро дар ҳамгирои байнифаннӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, маърифатӣ, рушду инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти таълимгирандагонро таъмин намоем.

Сарфи назар аз ин ҳама корҳо дар муҳити педагогии муассисаҳои таълимӣ солҳои охир нофаҳмиҳо, низоъҳо ба мушоҳида мерасанд, ки натиҷааш интиқоли хонандагон ба дигар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Ҳангоми мутобиқ шудани хонандагон ба муҳити муассисаи таълимии дигар онҳо ба мушкилиҳо дучор шуда асабонӣ мешаванд. Аз ин ҷост, ки дар шароити имрӯза принсипи ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа ҷиҳати мутобиқшавии хонандагон ба муҳити нав моҳияти муайянкунанда дошта, дар ҳалли проблемаи ҷойдошта нақши бориз доранд. Дар низоми иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ дар назди ҷомеа, бартарӣ ба кӯдак ва оила, шахсияти фаъол ва рушдёбанда дода мешавад. Имрӯзҳо проблемаи мутобиқ шудани хонандагон ба муҳити муассисаҳои таълимӣ ва ворид гардидани онҳо ба раванди таълим муҳим арзёби мегардад. Ин равандро бояд муҳити оила, мактаб, ҷомеа, аз ҷумла, омӯзгорони фанни химия дарк намоянд ва барои мутобиқшавии хонандагон сари вақт пешгирӣ намоянд.

Омӯзиши проблемаи мутобиқшудани хонандагон дар муассисаҳои таълимии №1, №37-и ноҳия Вахш ва №3, №9 ва ЛТТ-и шаҳри Бохтар нишон дод, ки ин раванд дар бисёр маврид ба вуҷудойии низоъ алоқаманд мебошад; ин зиддияти манфиатҳо, ба зиддиятҳо метавонанд фикрҳо, қувва, манфиат, шавқ, рағбат, даъво, талаб ва ғайра сабаб шавад. Ин рӯйхатро метавон давом дод, чунки пайдо шудани ҳисси инсон бисёрҷанба мебошад ва сабабҳое, ки хонандагонро ба низоъ тела медиҳанд, хеле гуногун мебошанд. Ба омӯзгор лозим аст, ки чунин сабабҳоро муайян намуда онҳоро омӯзад: муносибат ба хондан, иваз намудани ҷойи таълимгирӣ; талаботи омӯзгор, нобарории иҷтимоӣ, ҷанҷолҳо дар оила, номувофиқии мақсадҳо ва манфиатҳо, рашк ва амсоли инҳо.

Муҳаққиқ А.С. Гранитская нишон медиҳад, ки: «Мо вақтҳои охир дар кори амалии мактабҳои кишвар вазъи возеҳ ифодаёбандаи низоъҳоро мушоҳида мекунем. Иллати онро мо дар синну соли хонандагон, рушди босуръати узвҳо ва системаи узвҳо ба амал меояд, ба ин шиддати кори фикрӣ илова мешавад, ҳамаи ин ба системаи асаб бори зиёдатӣ меорад, ки дар навбати худ ба ҳиссиёти баланд, зудранҷӣ, ифроти баланд дар рафтор ва баҳодиҳии дигар одамон оварда мерасонад».

Аз як тараф, дар омӯзгорон нофаҳмӣ, аз тарафи дигар – ранҷиш, фикр ва талаботи нохуши волидайн пайдо мешавад. Дар натиҷа паст шудани азхудкунии дониши хонандагон, тез ба хашм омадан, мунокиша намудан бо

рафиқон, пайдо мешавад.

Муҳаққиқ К.М. Хруженко чунин қайд мекунад: «Яке аз сабабҳои, ки хонандагон дар раванди таълим бештар рӯ ба рӯ мешаванд ин қобиляту маҳорат надоштан ҷиҳати бартарафсозии низо кушиши ақидаҳои худро ба дигарон таҳвил кардан ва таҳлили рафторҳои худ мебошанд».

**Боби дуюми** диссертатсия **«Асосҳои методии истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар раванди таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ»** ном дошта, аз се зербоби аз ҷиҳати педагоги, дидактики ва мантиқӣ пайдарпаи таҳлилшуда иборат мебошад.

Дар ин боб муаллиф чунин қайд мекунад, ки вақте инсон ин ё он чизро мебинад ва ламс мекунад, дар ӯ эҳсосе эҷод мегардад ва сипас ин эҳсос пас аз муддате, яъне пас аз ғавру омӯзиш ба дониши мантиқӣ табдил меёбад. Дар ҳар сурат ин як раванде аст, ки аз пелаҳои гуногун иборат мебошад ва замоне он рафта ба нуктаи ниҳои хеш дар масири фаҳм мерасад.

**Боби сеюм,** ки **«Озмоиши педагогии методикаи истифодаи маводи дидактики ёрирасон дар равандии таълими химия»** ном дорад аз се зербанд иборат аст. Пеш аз он ки мо ба озмоиши методикаи кор кардашуда шурӯъ намоем, муассисаҳои таълимӣ ва синфҳое, ки дар он таҳқиқ гузаронида мешавад, муайян намудем. Таҳқиқ дар МТМУ-и №1, №37-и н. Вахш, ва МТМУ-и №3, №9 ва ЛТТ-и ш. Бохтар (омӯзгорони фанни химия Азизов Ё.Б., Файзалиев А.Р., Юлдошов Ҳ.Х., Худойназаров М.М., Шарипов С.Ҷ.) гузаронида шуд.

Кори озмоишӣ дар ду давра ба нақша гирифта шуд. Дар гузаронидани кори озмоишӣ мо аз таҷрибаи Гаврюшкина М.Ю. истифода намудем.

Мақсади корӣ озмоишӣ санҷидани самаранокии методикаи кор кардшуда бо истифода аз технологияи мутобиқшавӣ (адаптатсионӣ) хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни химия дар синфҳои 8 ва 9 буд.

**Саҳми шахсии довталабро.** шароитҳои муносибатҳои фардӣ-эҷодӣ, методологӣ, назоратӣ, мушоҳида, муқоисаи маълумот дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба амаломада, иштирокӣ бевосита ба сифати роҳбари гурӯҳи омӯзгорон дар корҳои тарбиявӣ-озмоишӣ, кор карда методикаи истифодаи маводи дидактикии ёрирасони хусусияти тавсиявӣ дошта барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия технологияи самаранок ташкил кардани фаъолияти маърифатии хонандагон бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон, муайян намудани нақши таълими фарқӣ дар технологияҳои гуногун ва ғайраҳо тасдиқ мекунанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳо.**

- роҳҳои беҳтар намудани кори мустақилонаи хонандагон бо ёрии маводи таълимии ёрирасон, ки баланд бардоштани сифати дониши хонандагонро аз химия таъмин мекунанд, пешниҳод карда шуд;

- системаи маводҳо ва муносибатҳои маҷмуии кор карда шударо метавонем дар коркарди чунин маводҳо доир ба фанҳои табиӣ – илмӣ истифода намоем;

- маҷмуи маводи таълимии ёрирасон ва методикаи таълими хонандагон, маҷмуи маводҳои таълимиро дар бар мегирад, ки ба баланд

бардоштани сифати дониши хонандагон нигаронида шудаанд;

- истифодаи маводи таълимӣ ба хонандагон барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ҳангоми омӯзиши зинаи аввали химия ва боло «синфи XI» яъне истифодаи вақти такрорӣ аз химия пеш меоянд, ёрӣ мерасонанд;
- маводи коркардашударо метавонем ҳангоми такрори маводи таълимӣ, тайёрӣ ба имтиҳонҳо, таҳияи дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёна истифода намоем.

Дар баробари дастовардҳо дар самти баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия дар асоси методикаи таълими муосир бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон бояд зикр кард, ки дар автореферати диссертатсия баъзан камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд. Алабатта, ин камбудиҳо ислоҳшавада буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқотро коста намегардонанд.

**Хулоса.** Авторреферати диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар таҳти унвони «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводди дидактикии ёрирасон» аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ пурмуҳтаво буда, ҳадафу вазифаҳо возеҳ, методология асоснок ва натиҷаҳо бо таҷрибаи педагогӣ исбот шудаанд. Мундариҷаи автореферат ба талаботи ихтисоси 5.3.4.4. ҷавобгӯ буда, барои амалияи таълими фанни химия арзиши баланди илмию методӣ дорад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо муаллифи автореферат - Назарзода Абдузоир Жуманазар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти
кафедраи методикаи таълими химияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Маҳмадаминов М.

*Имзои М. Маҳмадаминовро тасдиқ мекунам:*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

19.08.2026.

Маълумот барои тамос: Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе,
ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.:992(37)224-13-83.e-mail: info@tgpu,tj